**[20–А].** Фозилов, Н.Н. Таъсири барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ба рушди истеҳсолоти иҷро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Н. Фозилов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-солагии таъсиси факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 478-484.

**[21–А].** Фозилов, Н.Н. К вопросу о совершенствовании норм, регулирующих гражданскую процессуальную

правоспособность лиц, участвующих в деле [Текст] / Ш.Т. Тагайназаров, Н.Н. Фозилов // Актуальные вопросы совершенствования Конституции Республики Таджикистан в современных условиях: материалы республиканской научно-теоретической конференции (1 ноября 2023) // Под редакцией кандидата юридических наук, доцента Мирзозода П.З. – Душанбе, Типография ТНУ, 2023. – С. 172-178.

**[22–А].** Фозилов, Н.Н. Некоторые аспекты развития правового положения лиц, участвующих в гражданском деле [Текст] / Ш.Т. Тагайназаров, Н.Н. Фозилов // Теоретические вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане: материалы международной научно-теоретической конференции (5 декабря 2023 года) // Под редакцией доктора юридических наук, профессора Мирзозода П.З. – Душанбе: Типография ТНУ, 2023. – С. 58-66.

## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 342.22 (575.3)**
**ТКБ: 67.99 (2Т) 92**
**Ф-74**

**ФОЗИЛОВ НАСИМҶОН НОСИРОВИЧ**

# РУШДИ ПАДИДАИ ШАХСОНИ ИШТИРОКЧИИ ПАРВАНДА ДАР МУРОФИАИ МАДАНИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ ВА МУРОФИАВӢ-МАДАНӢ

**АФТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01–Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат; 12.00.15 –Ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ; ҳуқуқи мурофиаи ҳакамӣ

**ДУШАНБЕ – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, аз ташхис гузаштааст ва дар ҷаласаи васеи ин кафедра ба ҳимоя тавсия шудааст

**Роҳбари илмӣ:** **Холиқзода Абдураҳим Ғафор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мушовири илмӣ:** **Тағойназаров Шариф Тағойназарович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Элназаров Давлатшо Хоҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон,

**Табаров Неъмон Амонович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҳимояи диссертатсия 30 сентябри 2025 соати 9.00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) метавон шинос шуд.

Автореферат «______»_________ соли 2025 фиристода шуд.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти низоми судӣ мавқеи афзалиятнокро ҳимояи судии ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шаҳрвандон ва ташкилотҳо ишғол менамояд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар кас кафолати ҳифзи судиро медиҳад (м. 19) [1].

Адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо равона шуда, пайдоиш, инкишоф ва қать гардидани мурофиа вобаста аз манфиати ҳуқуқии шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ  маҳсуб меёбад. Андешаҳои зикршуда тасдиқи он мебошад, ки дар миёни тамоми субъектҳо, ки дар мурофиаи судии маданӣ мақсад ва вазифаҳои муайян доранд, мавқеи махсусро категорияи ҳуқуқии «шахсони иштирокчии парванда» ишғол менамояд.

Рушди қонунгузории мурофиавии маданӣ аз муносибати гуногуни қонунгузор ҷиҳати танзими мақоми ҳуқуқии ин шахсон дар давраҳои мухталифи таърихӣ дарак медиҳад. Дар амалияи судӣ чунин ҳолат боиси мушкилоти муайян зимни муқаррар кардани мавқеи мурофиавии субъектони зикргардидаи мурофиаи судии маданӣ мегардид ва мегардад.

Дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти судии ҳуқуқӣ, ки қисми таркибии он ислоҳоти мурофиаи судии маданӣ, аз ҷумла падидаи марказии он – падидаи шахсони иштирокчии парванда маҳсуб меёбад, амалӣ шуда истодааст [141; 142; 143; 144; 145].. Дар иртибот бар ин, барои самаранок анҷом додани он аҳаммияти муҳимро таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-мадании ҳуқуқи мурофиавии мадании Тоҷикистон, аз ҷумла падидаи шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ, касб менамояд.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: «Гум кардани хотираи таърихӣ, қадр нанамудани гузаштаи пурифтихори миллат ва суннатҳои волои он, маҳдудияти шуурнокии таърихӣ ва ҳифз накардани арзишҳои

фарҳангию мероси бойи ниёгон ҳисси масъулияту ҷавобгарирро аз дӯши кас дар назди имрӯзу фардо дур намесозад» [47, с. 11].

Дар сархати якуми банди 4 Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 1021 тасдиқ гардидааст, пешбинӣ шудааст, ки яке аз зинаҳои мукаммалгардонӣ ва таъмини сифати қонунгузорӣ «гузаронидани таҳқиқотҳои илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили он» [140] маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон бар ин, таҳқиқоти таърихи яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳуқуқи шуравӣ, ки ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, аз ҷумла падидаи асосии он – шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ эътироф шудааст, шароит барои дуруст дарк намудан ва ёфтани ҷавобҳо ба саволҳо ва ҳалли муаммоҳои ҳуқуқи мурофиавии мадании муосир, ки теъдоди муайяни меъёрҳо, мафҳумҳо ва категорияҳои падидаи шуравии шахсони иштирокчии парвандаи маданиро иқтибос намудааст ва мувофиқан идомаи даврахои муқаддами инкишофи он мебошад, шароит ба вуҷуд меорад.

Ғайр аз ин, таҳқиқоти интиқодии таърихи рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Тоҷикистони шуравӣ имконият медиҳад, ки норасоӣ ва иштибоҳоти зинаҳои қаблии инкишофи он такрор нашавад ва метавонад боиси муайян кардани сатҳи инкишофи падидаи мазкур дар замони муосир ва ворисияти он бо зинаҳои муқаддами таърихӣ гардад.

Бинобар ин, омӯхтан ва коркарди илмии масоили рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании гузашта ва муосири Тоҷикистон, инчунин, муайян намудани заминаҳои инкишофи минбаъдаи он аҳаммияти ҷуддии назариявӣ ва амалӣ дорад.

Таҳқиқоти рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда, омӯхтани инкишофи зерпадидаҳои он: шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ ба мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ва шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ ба мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дигар аз номи худро низ тақозо менамояд.

Мубрамияти мавзуъ бо он тақвият меёбад, ки меъёрҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶТ бояд аз нуқтаи назари муқаррарот оид ба арзиши олӣ будани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ, ки Конститутсияи ҶТ кафолат додааст, мутобиқати онҳо ба принсипҳои диспозитивӣ, мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо, як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, ки дар онҳо стандартҳои ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ пешбинӣ шудааст, сиёсати мурофиавии мадании ҶТ, ки қисми таркибии сиёсати ҳуқуқии он маҳсуб меёбад, таҳлил карда шаванд.

Дар даврони истиқлолият дар ҶТ як қатор қонунҳои конститутсионӣ ва кодексҳо, инчунин қонунҳои дигари соҳаҳои ҳуқуқи моддӣ қабул шуданд, ки шаклҳои мутобиқи мурофиавии амалигардонии маҷбуриро талаб менамояд. Пажӯҳиши рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Тоҷикистон ба мақсади мукаммалгардонии меъёрҳои он ҷиҳати ҳал намудани масъалаи мазкур низ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон бо ин, зарурати ошкор намудани норасоӣ ва номувофиқатии меъёрҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда, талаботи ҷомеа ҷиҳати ҳал намудани муаммои ташаккул додани механизми босамар, муъҷаз ва босуръат анҷом додани адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, ки субъектони асосии он шахсони иштирокчии парванда эътироф мешаванд, тасдиқи иловагии мубрамияти мавзуи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб меёбад.

Мубрамияти мавзуъ инчунин дар он ифода мешавад, ки вай бори аввал ба таври маҷмуӣ бо дар назар доштани ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-маданӣ таҳқиқ мегардад, ки метавонад норасоии мувофиқро дар илми ҳуқуқшиносӣ бартараф намояд.

Дар иртибот бар ин, дар замони муосир суханони ҳуқуқшиноси тоинқилобӣ Е.Н. Трубетской рӯзмарра ба назар мерасад, ки навишта буд: «ҳангоми созмондиҳӣ ва инкишофи ҳуқуқ бояд ду ҳолат ба эътибор гирифта шавад: аз як тараф, таҷрибаи таърихии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа, аз тарафи дигар – ғояҳои таъсири оқилона ба равандҳои иҷтимоӣ, танҳо дар ин маврид

усулҳо, тарзҳо, типҳо ва реҷаҳои бештар самараноки танзими ҳуқуқӣ интихоб мегарданд» [67, с. 83].

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба таҳқиқоти ҷанбаҳои мухталифи масоили шахсони иштирокчии парванда, аз ҷумла ҳолати ҳукуқии баъзе аз намудҳои субъектҳои зикршудаи мурофиаи судии маданӣ асарҳои олимони зерини шуравӣ, россиягӣ ва мамлакатҳои дигари хориҷӣ бахшида шудааст: В.Н. Аргунов [8], М.А. Викут [12], Р.Е. Гукасян [13], М.А. Гурвич [14], П.Ф. Елисейкин [18], В.М. Жуйков [98], С.А. Иванова [103], И.М. Ильинская [22], А.Ф. Клейнман [104], А.Ф. Козлов [28; 29], А.А. Мелников [34], Г.Л. Осокина [42; 43; 44; 132], С.С. Сатибеков [134], М.К. Треушников [65; 66], Л.В. Туманова [137], М.Х. Хутиз [78], Н.В. Чентсов [79], Н.А. Чечина [80], Д.М. Чечот [81], М.С. Шакарян [82; 83; 84], В.Н. Шеглов [86; 87], С.А. Якубов [89], В.В. Ярков [117] ва дигарҳо.

Ҷанбаҳои ҷудогонаи падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла асосҳои методологии таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-маданӣ, масоили даврабандии зуҳуроти ҳуқуқӣ, рӯйкардҳо нисбат ба таҳқиқоти масоили шабеҳ дар соҳаҳои дигари илми ҳуқуқшиносӣ, мафҳумҳо ва категорияҳои мустақим ё ғайримустақим бо мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо иртиботдошта («падидаи ҳуқуқӣ», «қонунгузорӣ», «сарчашмаҳои ҳуқуқӣ», «раванди эҷоди ҳуқуқ», «функсияҳои мақомоти давлатӣ», «навъҳои фаҳмиши ҳуқуқ», «татбиқи ҳуқуқ», «қобилияти ҳуқуқдорӣ», «қобилияти амалкунӣ», «ҳуқуқи субъективӣ», «уҳдадориҳои субъективӣ», «функсияи прокурор», «ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ», «ворисии ҳуқуқӣ», «манфиати ҳуқуқӣ», «фарҳанги ҳуқуқӣ»), хулосаҳои консептуалӣ дар бораи ҳуқуқи инсон, ҳамчун категорияи универсалӣ, ки унсури таркибии он хуқуқ ба ҳифзи судӣ эътироф мешавад, нигоштаҳои илмӣ дар бораи сарчашмаҳои ҳуқуқи Тоҷикистони тошуравӣ, шуравӣ ва муосир, аз чумла танзимкунанди вазъи ҳуқуқии шахсони иштирокчии парванда, тавсифи ҳуқуқи шуравӣ, ки ба он ҳуқуқи шуравии мурофиавии маданӣ, аз ҷумла падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Тоҷикистони шуравӣ низ дохил мешавад, аз мавқеи дастовардҳои муосири илми

ҳуқуқшиносӣ, муҳокима ва хулосаҳо дар бораи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баъзе аз шахсони иштирокчии парванда дар давраҳои мухталифи таърихӣ дар асарҳои олимони ватанӣ: З.Ф. Абдуллозода [90], Ф.М. Абдулхонов [119], И.А. Агабабовян [118], Г.С. Азизқулова [2; 3], У.А. Азиззода [4; 5; 17], З. Ализода [6], М.М. Аминов [7], И.Х. Бобоҷонзода [9; 91; 92; 93], С.Ш. Болтуев [94; 120], И.Б. Буризода [10; 11; 121], А.Д. Ғафурзода [95; 122], Ш.К. Ғаюрзода [96; 123], А.М. Диноршоҳ [17; 124], Ҷ.М. Зоир [19; 99], А.В. Золотухин [20], С.И. Иброҳимов [21; 100; 125], Н.М. Имомова [101; 102], З.Х. Искандаров [23; 24], Ш.Ф. Искандаров [25], И.И. Камолзода [26; 126], Т.Қ. Қодирзода [27; 92], Қ.Ш. Қурбонов [30], Р.Н. Маруфӣ [127], М.А. Маҳмудзода [31; 32; 33; 105], И.Т. Маҳмудов [106], Ш.М. Менглиев [31; 35], Х.М. Мирзамонзода [36; 128], П.З. Мирзозода [129], Ҷ.С. Муртазозода [37], А.К. Назаров [38], Э.С. Насриддинзода [39; 40], А.Р. Нематов [130], Р.С. Одиназода [131], С.А. Раҷабов [45], Б.Х. Раззоқов [46], М.З. Раҳимзода [48; 107], Д.С. Раҳмон [49; 52; 108], С. Раҳмонов [133], Д.Ш. Сангинзода [50], Б.А. Сафарзода [51; 52; 109], Ҷ. Саъдизода [110], М.М. Соҳибзода [56], Ш.Т. Н.А. Табаров [21; 48; 57], Тағойназаров [58; 111; 112; 113], Ф.Т. Тоҳиров [59; 60; 61; 62; 63; 64], О.У. Усмонов [68; 114], Ш.С. Ҳамроев [70; 135], А.Г. Холиқзода [69; 71; 72; 73; 74; 75; 76], М.М. Холинов [136], Б.Т. Худоёрзода [33; 77], Ҷ.Р. Ҷалилов [15; 16; 97], Р.Ш. Шарофзода [53; 54; 55; 85], И.Р. Шодиён [88; 138], Д.Х. Элназаров [139], Е.М. Яковлева [116] дарҷ шудааст.

Ҳамзамон ба ин, дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон то замони муосир кӯшиши анҷом додани таҳқиқоти маҷмуии таърихӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-мадании ташаккул ва рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат нагирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба мақсади амалӣ намудани фаслҳои мувофиқи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуъҳои «Рушди ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тадқиқи ҷинояткорӣ

барои солҳои 2011-2015», «Муаммоҳои такмили назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии граждании, мурофиа дар судҳои иқтисодӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», инчунин «Масъалаҳои инкишофи назария ва такмили амалияи ҳуқуқи мурофиавӣ, тақвияти ҳокимияти судӣ, самаранокии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигар оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025».

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин дар заминаи таҳлили адабиёти ҳуқуқии мувофиқ, қонунгузории мурофиавии маданӣ ва амалияи судӣ муайян намудани рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар кардани заминаҳое, ки инкишоф ва дурнамои инкишофи падидаи зикршуда аз онҳо вобастагӣ дорад, таҳияи хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи меъёрҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи он маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади зикршуда, рисоланавис дар назди худ вазифаҳои асосии зеринро гузошт:

– муайян намудани мафҳуми шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ ҳамчун субъектҳои мурофиаи маданӣ ва падида;

– тасниф намудани шахсони иштирокчии парванда;

– муайян намудани заминаҳои рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶТ ва дурнамои инкишофи он;

– муайян намудани вижагиҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМСС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929);

– нишон додани рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶСС Тоҷикистон (солҳои 1929-1991);

– баррасии қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали тарафҳо, шахсони сеюм, прокурор ва шахсони дигари иштирокчии парвандаи маданӣ дар инкишоф;

– нишон додани инкишофи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Тоҷикистони шуравӣ ва муосир;

– таҳқиқи вазъи ҳуқуқии шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ ба мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ дар инкишоф;

– таҳлили инкишофи вазъи ҳуқуқии шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ ба мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати қонунии шахсони дигар;

– муайян намудани норасоӣ ва номувофиқатӣ дар меъёрҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶТ ва таҳия намудани тавсияҳо ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мурофиавии маданӣ.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки бо ширкати шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданиии ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мешаванд, инкишоф меёбанд ва қатъ мегарданд.

**Мавзуи таҳқиқот** нуктаҳо, муҳокимаҳо ва ақидаҳои олимон дар бораи падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданӣ, ташаккул ва рушди меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки як тарафи онҳо шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, инчунин амалияи татбиқи онҳо маҳсуб меёбад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи аз соли 1995 то 2025 иҷро гардидааст.

Доираи таърихии таҳқиқоти диссертатсионӣ зинаҳои зеринро фаро мегирад: 1) солҳои 1924-1929: хусусиятҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон; 2) солҳои 1929-1991: рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон; 3) соли 1991 – то замони муосир. Рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда, дар мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионӣ осори олимони ватанӣ ва хориҷиро дар соҳаҳои таърихи ҳуқуқ ва давлат, назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ (арбитражӣ), маъмурӣ ва ҳакамӣ, инчунин соҳаҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла С.С. Алексеев, В.Н. Аргунов, Г.С. Азизқулова, У.А. Азиззода, И.Х. Бобоҷонзода, С.Ш. Болтуев, И.Б. Буризода, А.Д. Ғафурзода, Ш.К. Ғаюрзода, В.Г. Графский, Р.Е. Гукасян, А.М. Диноршоҳ, М.А. Викут, П.Ф. Елисейкин, Ҷ.М. Зоир, С.А. Иванова, С.И. Иброҳимов, И.М. Илинская, Н.М. Имомова, И.А. Исаев, З.Ҳ. Искандаров, Э.С. Насриддинзода, В.С. Нерсесянтс, А.Ф. Клейнман, Т.Қ. Қодирзода, А.Ф. Козлов, М.А. Маҳмудзода, И.Т. Маҳмудов, Ш.М. Менглиев, А.А. Мелников, Х.М. Мирзамонзода, Р.С. Одиназода, Г.Л. Осокина, С.А. Раҷабов, М.З. Раҳимзода, Д.С. Раҳмон, Б.А. Сафарзода, Н.А. Табаров, Ш.Т. Тағойназаров, Ф.Т. Тоҳиров, М.К. Треушников, Л.Ф. Туманова, А.Г. Холиқзода, Ш.С. Ҳамроев, Н.В. Чентсов, Н.А. Чечина, Д.М. Чечот, Ҷ.Р. Ҷалилов, Р.Ш. Шарофзода, М.С. Шакарян, И.Р. Шодиён, В.Н. Шеглов, Д.Х. Элназаров, В.В. Ярковро васеъ мавриди истифода қарор додааст.

**Асосии методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқот нуктаҳои бунёдии усулҳои умумиилмии диалетика ва таҳлили муқоисавӣ маҳсуб ёфта, ҳамрадиф бо онҳо баъзе усулҳои хусусии илмӣ: таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мушаххаси иҷтимоӣ татбиқ шудаанд. Дар диссертатсия инчунин усули мушоҳидаи мустақим (мушоҳидаи воридгардида) ҳамчун усули махсуси ҷамъ намудани иттилооти эмпирикӣ бинобар он ки муаллиф ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои КММ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дохил мешуд, мавриди истифода қарор ёфтааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории мурофиавиии мадании ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва баъзе аз давлатҳои дигар, инчунин амалияи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон бо ин, барои баррасии мавзуи таҳқиқот, ноил гардидан ба мақсад ва ҳалли масъалаҳои он теъдоди муайяни маводи бойгонӣ, ки дар Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфузанду як қисми онҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид карда мешавад ё бори аввал дар ҷанбаи интихобнамудаи рисоланавис пажӯҳиш мегардад, мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Маводи бойгониро чунин тақсим намудан мумкин аст: а) санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки интишор нашудаанд; б) ҳуҷҷатҳое, ки таҷрибаи амалишавии ҳуқуқ, аз ҷумла таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти суд, прокурорҳо ва адвокатҳоро ифода менамоянд; в) мукотибаи байни мақомоти судӣ, прокуратура ва адвокатура, ҳисобот дар бораи фаъолияти онҳо, гузориш ва муроҷиати кормандони ҷудогонаи суд, прокуратура ва адвокатура.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар он бори аввал аз мавқеи илмҳои таърихи ҳуқуқ ва давлат ва ҳуқуқи мурофиавии маданӣ масоили рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, заминаҳои муайянкунандаи рушд ва дурнамои рушди падидаи мазкур муқаррар гардидаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси идроки масоили баҳсноки назариявӣ, ҷамъбаст ва таҳлили илмии қонунгузории мурофиавии маданӣ ва амалияи судӣ як қатор нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодот ҷиҳати мукаммалгардонии меъёрҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда ва амалияи татбиқи онҳо тасвеа шудаанд. Унсури навгонӣ инчунин дар сарчашмаҳои истифодашуда, аз ҷумла маводи бойгонӣ, ки қисми онҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид мегарданд ё бори аввал дар ҷанбаи интихобнамудаи рисоланавис таҳқиқ карда мешаванд, ифода меёбад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда тасдиқ ва мушаххас мегардад:

1. Асоснок карда мешавад, ки падидаи ҳуқуқии шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданӣ маҷмуи ба ҳам алоқаманд, дорои таъсири тарафайн, нисбатан тому мухтори меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки як ҷониби онҳо шахсони иштирокчии парванда мебошад, маҳсуб меёбад. Падидаи илмии шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданӣ ин маҷмуи донишҳо, ғояҳо, андешаҳо ва таълимот дар бораи мафҳум, нишонаҳо, мақсадҳо, функсияҳо, инчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии мурофиавии мадании шахсони иштирокчии парванда мебошад.

2. Тасдиқ карда мешавад, ки рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶТ аз заминаҳои зерин вобаста мебошад, ки ҳамзамон дурнамои инкишофи минбаъдаи онро муайян менамоянд: 1) қабули Конститутсияи ҶТ аз соли 1994, ки арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро эълон карда, ҳуқуқ ба ҳифзи судиро кафолат дода, зарурати анҷом додани адолати судиро дар заминаи принсипҳои мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо пешбинӣ менамояд; 2) аз ҷониби ҶТ эътироф гардидани як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки стандартҳои ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судиро пешбинӣ мекунанд; 3) қабул ва зарурати амалӣ намудани барномаҳои ислоҳоти судии ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021, консепсия ва стратегияҳои давлатӣ, ки ба мукаммалгардонии асосҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодии мурофиаи судии маданӣ равона шудаанд; 4) гуногунии фаҳмиши ҳуқуқ; 5) зарурати ҳамоҳанг намудани қонунгузории мурофиавии мадании ҶТ бо қонунгузории мурофиавии мадании ИДМ ва Иттиҳоди Аврупо; 6) зарурати ошкор ва бартараф намудани норасоӣ ва номувофиқатӣ дар меъёрҳои падидаи мазкур; 7) зарурати ташаккул додани механизми босамар, муъҷаз ва суръатнок анҷом додани адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ.

3. Бо дар назар доштани тафовут дар функсияҳое, ки шахсони иштирокчии парванда амалӣ менамоянд, таснифоти

зерини онҳоро анҷом додан мумкин мебошад: а) шахсоне, ки функсияи даъворо амалӣ мекунанд (даъвогар (даъвогари мурофиавӣ), шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод менамоянд); б) шахсоне, ки функсияи ҳимоя бар муқобили даъворо амалӣ мекунанд (ҷавобгар); в) шахсоне, ки функсияи мусоидатро ба даъвогар ҷиҳати дастгирии даъво амалӣ мекунанд (шахсони сеюм, ки аз ҷониби даъвогар иштирок менамоянд); г) шахсоне, ки фунсияи мусоидатро ба ҷавобгар ҷиҳати ҳимоя бар муқобили даъво амалӣ мекунанд (шахсони сеюм, ки аз ҷониби ҷавобгар иштирок менамоянд); д) шахсе, ки функсияи назоратро аз болои қонуният дар мурофиаи маданӣ дар мавридҳои иштироки вай дар парванда барои додани хулоса анҷом медиҳад (прокурор); е) шахсоне, ки функсияи додани хулосаро оид ба парвандаи маданӣ анҷом медиҳанд (мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ).

4. Таърихи ташаккул ва рушди падидаи шахсони иштирокчии парвандаро дар мурофиаи мадании Тоҷикистони шуравӣ ва муосир ба давраҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: 1) солҳои 1917-1924 – ташаккули асосҳои падидаи шуравии шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданӣ дар ҳудуди Тоҷикистон то ташкил шудани ҶМШС Тоҷикистон; 2) солҳои 1924-1929 – вижагиҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон; 3) солҳои 1929-1991 – рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон, ки ба ду зина тақсим мешавад; а) солҳои 1929-1963 – падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон то қабули КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963; б) солҳои 1963-1991 – падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон баъди эътибори қонунӣ пайдо намудани КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963; 4) соли 1991 то айни замон – рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ду зина тақсим мешавад; а) солҳои 1991-2007 – падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон то қабули КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2007; б) соли 2007 то айни замон – падидаи шахсони

иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди эътибори қонунӣ пайдо намудани КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2007.

5. Вижагиҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон дар нуктаҳои зерин ифода меёбад

– аз ҷониби мақомоти давлатии ҶМШС Тоҷикистон аввалин санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, аз ҷумла падидаи шахсони иштирокчии парванда қабул мегардад. Меъёрҳои ҷудогонаи падидаи шахсони иштирокчии парванда хусусияти намоён ифодаёфтаи синфӣ ва ба ҳимояи афзалиятноки моликияти давлатӣ равонашуда доранд. Тақсими парвандаҳо ба русӣ ва мусулмонӣ вобаста аз миллати даъвогар ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад, ки хоси судҳои халқии шуравии ҶМШС Туркистон буд.

– таъминоти моддии хеле назарнораси фаъолияти судҳои халқӣ, прокуратура ва коллегияи ҳимоятгарон, омодагии нокифояи касбии судяҳо, прокурорҳо ва адвокатҳо ба матлуб амалишавии мазмуни ҳолати ҳуқуқии тарафҳо ва шахсони дигари иштирокчии парванда ва дар маҷмуъ ба сифат ва самаранокии мурофиаи судии маданӣ таъсири манфӣ мерасонид. Маводи сершумори бойгонӣ дар бораи тафовути ҷиддӣ байни меъёрҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон ва таҷрибаи амалишавӣ, аз ҷумла татбиқи онҳо дарак медиҳанд;

– махсусияти солҳои аввали мавҷудияти ҶМСС Тоҷикистон дар хеле кам будани муроҷиати шаҳрвандон бо аризаи даъвогӣ ба судҳои шуравӣ низ ифода ёфта, дар баъзе аз минтақаҳо, ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва вазъияти ҳарбӣ қарор доштанд, муроҷиатҳо ба судҳои шуравӣ вуҷуд надоштанд. Ҳолатҳои аз ҷониби тарафҳо ва шахсони иштирокчии парванда пешниҳод гардидани шикоят ё эътирози кассатсионӣ нисбат ба ҳалномаҳои судӣ низ камшумор буданд. Чунин вазъият аз ҳолатҳои мухталифи объективӣ, аз ҷумла васеъ паҳн гаштани меъёрҳои шариат, устувории шуури динӣ, менталитет ва анъанаҳои ҳуқуқӣ, бебаҳс будани таъсири ходимони дин, ғайриимкон будани дар шароити бо ҷанги шаҳрвандӣ, дахолати хориҷӣ, роҳҳои ноободу, вуҷуд надоштани муомилоти нақлиётӣ ва алоқаи телеграфии мӯътадил

байни марказ ва музофоти ҶМШС Тоҷикистон мураккабгардида, дар муддати кӯтоҳ созмон додани низоми қобили амал ва муҷаҳҳази судҳои нави шуравӣ ва таъмини онҳо бо кадрҳои ихтисосманд, вобаста буд. Тамоюли маҳдуд кардани тобеияти идоравии парвандаҳо ба судҳо, ки баъдан тақвият ёфт, мавҷуд буд, ки боиси маҳдуд гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ва ташкилот ба ҳимояи судӣ мешуд;

– мавҷуд набудани мӯҳлатҳои мушаххаси муҳокимаи парвандаҳои маданӣ, бинобар ин, вуҷуд надоштани ҳуқуқи тарафҳо ва шахсони дигари иштирокчии парванда ба сари вақт баррасӣ ва ҳал гардидани парвандаҳо, сабаби сусткорӣ ва кашол додани муҳокимаи парвандаҳои ҷудогона мегардид. Чунин вазъият Коммисариати адлияи ҶМШС Тоҷикистонро маҷбур менамуд, то якчанд маротиба сиркуляр қабул намуда, ба судҳо дастур диҳад, ки парвандаҳо сари вақт баррасӣ шаванд ва чораҳои мухталиф андешад, аз ҷумла мусобиқаҳо миёни судҳо ба мақсади ҳавасмандгардонии онҳо ҷиҳати нисбатан тезтар гузаронидани парвандаҳо ташкил намояд;

– дар КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927, ки дар ҶМШС Тоҷикистон амал мекарданд, бештар ҳолати ҳуқуқии тарафҳо танзим шуда буд. Дар масъалаи танзими ҳолати ҳуқуқии шахсони дигари иштирокчии парванда бошад, дар қонунҳои болозикр носаҳеҳӣ ва номукаммалии зиёд, инчунин батартибдароии ҷузъиётӣ мавҷуд буд;

– қоидаҳое, ки барои танзими тартиби иваз намудани тарафи номуносиб дар КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927 пешбинӣ шуда буданд, дар муқоиса бо КМГ ҶШФСР аз соли 1923, бештар ба принсипи диспозитивӣ мутобиқ буданд;

– КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1927 танҳо як намуди шарикиро дар мурофиаи маданӣ: шарикии омехтаро пешбинӣ мекарданд. Инчунин кодексҳои зикршуда асоси ба мурофиаи маданӣ ҷалб намудан ё ба он ворид гардидани шариконро пешбинӣ намекард, ки ҳамчун норасоии аёни ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки як тарафи онҳо шахсони иштирокчии парванда маҳсуб меёбад, бояд эътироф карда шавад;

– КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1927 тақсими дақиқи шахсони сеюмро ба ду намуд пешбинӣ намекард, дар онҳо дарҷ нашуда буд, ки шахсони сеюм, ки ба мавзӯи баҳс талаботи мустакилона пешниҳод менамоянд, аз ҳуқуқҳои даъвогар истифода намуда, ӯҳдадориҳои ӯро иҷро мекунанд. Норасоии ҷиддии КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1927 инчунин дар мавҷуд набудани меъёри ҳаматарафа танзимкунандаи ҳуқуқ ва ухдадориҳои шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, зоҳир мегардид. Дар баъзе аз масъалаҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иштироки шахсони сеюм дар мурофиаи маданӣ, КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927 дар фарқият аз КМГ ҶШС Тоҷикистон, бештар ба принсипи диспозитивӣ мутобиқ буданд;

– новобаста аз вуҷуд доштани ҳуқуқи тарафҳо ва шахсони сеюм ҷиҳати гирифтани ёрии ҳуқуқии ихтисосманд, дар амалия расонидани ёрии ҳуқуқии мазкур мушкил ва баъзан, бинобар дар баъзе аз вилоятҳои ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои аввали мавҷудияти он созмон дода нашудани коллегияҳои намояндаҳои судии касбӣ, ғайриимкон буд. Баъди созмон додани коллегияҳои зикршуда бошад, ба ҳайати онҳо теъдоди хеле ками шахсон дохил шуда, ихтисосашон дар сатҳи бениҳоят паст қарор дошт;

– прокурор мутобиқи КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927 метавонист дар мурофиаи маданӣ дар ду шакли зерин иштирок намояд: 1) бо роҳи муроҷиат ба суд ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дигар; 2) бо роҳи ворид шудан ба мурофиаи бо ибтикори шахсони дигар оғозгардида барои додани хулоса. Ба Прокурори ҶМШС Тоҷикистон ваколати васеъ ҷиҳати амалӣ намудани назорат аз болои судҳои ҶМШС Тоҷикистон, ки парвандаҳои маданиро баррасӣ ва ҳал менамуданд, дода шуда буд: вай ҳуқуқи пешниҳоди эътирозро нисбат ба дилхоҳ ҳалномаи дилхоҳ суди ҶМШС Тоҷикистон дошт.

6. Хусусиятҳои хоси рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон дар нуктаҳом зерин ифода мешавад

– давраи мазкурро ба чор зинаи зерин тақсим намудан мумкин аст: 1) солҳои 1929-1936. Аз лаҳзаи ташкил ёфтани ҶШС

Тоҷикистон то қабули Конститутсияи ИҶШС аз соли 1936. Хусусияти хоси давраи мазкур дар он зоҳир мегардид, ки ғайр аз ворид намудани тағйиру иловаҳои марбут ба падидаи шахсони иштирокчии парванда ба КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927, ки дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон амал мекард, фаъолият ҷиҳати омода намудани лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон сурат мегирифт; 2) солҳои 1936-1957. Аз лаҳзаи қабули Конститутсияи ИҶШС аз соли 1936 то лаҳзаи қабули Қонуни ИҶШС аз соли 1957. Падидаи шахсони иштирокчии парванда дар асоси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927, ки дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон амал мекард, инкишоф меёфт, зеро дар асоси Конститутсияи ИҶШС аз соли 1936 ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз ваколати таҳия ва қабули намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ маҳрум шуданд. Ҳамзамон ба ин, падидаи шахсони иштирокчии парванда бо роҳи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталифи ИҶШС, инчунин ҶСС Тоҷикистон рушд меёфт, ки меъёрҳои КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927-ро пурра менамуданд; 3) 1957-1963. Аз лаҳзаи қабули Қонуни ИҶШС аз соли 1957, ки ваколатҳои ҷумҳуриҳои иттифоқиро ҷиҳати омода намудан ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ барқарор кард, то қабули КМГ ҶШС аз соли 1963. Фаъолияти мақсаднок ҷиҳати омода намудани лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон анҷом дода мешавад, Асосҳои мурофиаи судии мадании Иттифоқи ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз соли 1961, инчунин баъзе қонунҳои дигари ИҶШС, ки ба рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданӣ таъсири ҷиддӣ расониданд, қабул мегарданд; 4) солҳои 1963-1991. Аз лаҳзаи қабул ва эътибори қонунӣ пайдо намудани КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963. Падидаи шахсони иштирокчии парванда дар асоси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси зикргардида, инчунин қабули як қатор қонунҳои ИҶШС ва қонунҳои дигари ҶШС Тоҷикистон, ки онро пурра менамуданд, рушд менамояд;

– қабули Қонуни ИҶШС аз 11 феврали соли 1957, ки ваколатҳои ҷумҳуриҳои иттифоқиро ҷиҳати омода намудан ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ барқарор кард, ифодакунандаи оғози зинаи муҳим дар инкишофи қонунгузории

мурофиавии маданӣ, аз ҷумла падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёбад;

– Асосҳои мурофиаи судии мадании Иттифоқи ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз соли 1961 сохтор, маҷмуи мафҳумҳои бознигаришуда, мазмуни муқаррароти асосӣ ва муҳимми падидаи шахсони иштирокчии парвандаро дар КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 муайян намуданд;

– таҷрибаи кодификатсионии омода намудани лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон, ки таъсири назаррас ба рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда  дар мурофиаи маданӣ  дар давраи таърихии мазкур расонид, дар нуктаҳои зерин ифода меёфт: а) интишори матни лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон барои муҳокимаи васеъ;  б) таҳия ва интишори пешниҳодоти илман асоснок кардашуда, дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон аз ҷониби олимони пешбари ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон; в) коркарди амиқи лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон бо дар назар доштани таклифҳое, ки аз  рӯйи натиҷаи муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардиданд;

– дар давраи таърихии мазкур, дар ҷараёни фаъолияти кодификатсионӣ ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМГ аз соли 1927, омода намудани лоиҳаи КМГ ИҶШС, омода ва қабули Асосҳои мурофиаи судии мадании Иттифоқи ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон ва муҳокимаи васеи онҳо заминаҳои падидаи моҳиятан нави шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Тоҷикистон гузошта шуд;

– олимони ҶШС Тоҷикистон саҳми назаррас ба такмили падидаи шахсони иштирокчии парванда дар ҷараёни омода намудани лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон гузоштанд. Баъзе аз нигоштаҳои онҳо айни замон низ мубрамии худро гум накардаанд, зеро падидаи мазкур дар КММ ҶТ аз соли 2007 алоқаҳои муайяни ворисиятро бо падидаи шабеҳи КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 нигоҳ доштааст;

– васешавии назорати судӣ нисбат ба ҳуқуқҳои ихтиёрдоринамоии тарафҳо дар КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 маънои маҳдуд гардидани принсипи диспозитивиро дар мурофиаи мадании давраи таърихии мазкур дошт.

7. Рушди ҳолати ҳуқуқии шахсони иштирокчии парванда мутобиқи КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ва КММ ҶТ аз соли 2007 дар васеъшавӣ, мушаххас ва мукаммалгардии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии мурофиавии маданӣ, инчунин таҳкими кафолатҳои амалишавии онҳо ифода меёбад, ки дар маҷмуъ ба рушди падидаи мурофиавӣ-мадании шахсони иштирокчии парванда дар Тоҷикистон мусоидат намуд.

8. Собит карда мешавад, ки мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии маданӣ дар давраи амали КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ва ҳам КММ ҶТ аз соли 2007 таҳти таъсири мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории маданӣ қарор дошт ва дорад, ҳамчунин як қатор субъектхои мухталифи мурофиаи маданӣ, аз ҷумла баъзе аз шахсони иштирокчии парвандаро ба эътибор намегирад.

9. Асоснок мегардад, ки таҳти қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии мадании тарафҳо ва шахсони сеюм қобилияти бо қонун пешбинишудаи шахсони мазкур ҷиҳати доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии мурофиавии мадании тарафҳо ва шахсони сеюм, имконияти анҷом додани функсияҳои мувофиқ (функсияи даъво, ҳимоя бар муқобили даъво, мусоидат дар анҷом додани функсияи даъво ё ҳимоя бар муқобили даъво), ки бо мақсадҳои барои расидан ба онҳо дар мурофиаи маданӣ иштирок намудани тарафҳо ва шахсони сеюм муайян мегарданд, фаҳмида мешавад.

10. Тасдиқ карда мешавад, ки меъёрҳои КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963, қобилияти амали мурофиавии мадании субъектҳои мурофиаи маданиро, аз ҷумла шахсони иштирокчии парвандаро барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ то қабули КММ ҶТ аз соли 2007 як қатор тағйироти ҷиддии ба КГ **нави** ҶТ, КО ҶТ, КМ ҶТ ва КҲМ ҶТ воридгардидаро, ки ба қобилияти амали ҳуқуқии моддӣ иртибот доранд, ба эътибор намегирифтанд. Таҳлили м. 39 КММ ҶТ нишон медиҳад, ки вай асосан мазмуни м. 99 КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963-ро такрор менамояд. Ҳамзамон ба ин, инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки қобилияти амали ҳуқуқии моддиро муайян менамоянд, ба инкишофи меъёрҳои танзимкунандаи қобилияти амали мурофиавии маданӣ мусоидат намуд.

11. Асоснок мегардад, ки даъвогар шахсест, ки талаботи ӯ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати бо қонун ҳифзшавандаи худаш ё шахси дигар аз ҷониби суд баррасӣ ва ҳал карда мешавад. Маҳз чунин таърифи мафҳуми даъвогар дар мурофиаи маданӣ ба талаботи ягонагӣ ва умумият ҷавобгӯ буда, воқеияти ҳуқуқиро ифода мекунад, зеро ду намуди даъвогарон, ки дар суд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ё шахсони дигарро ҳимоя менамоянд, ба эътибор мегирад.

12. Собит карда мешавад, ки бо қабули КММ нави ҶТ дар танзими тартиби иваз намудани тарафи номуносиб дар муқоиса бо КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 аксулинкишоф ба вуқӯъ пайваст.

13. Асоснок карда мешавад, ки меъёрҳои КММ ҶТ аз соли 2007, ки иштироки шахсони сеюмро дар мурофиаи маданӣ танзим менамоянд, ворисиятро нисбат ба меъёрҳои КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 нигоҳ доштаанд. Ҳамзамон бо ин, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иштироки шахсони сеюм дар КММ нави ҶТ инкишоф ёфтааст. Таҳлили КММ нави ҶТ нишон медиҳад, ки меъёрҳои танзимкунандаи иштироки шахсони сеюм дар мурофиаи маданӣ ба такмили минбаъда ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, таклифот ҷиҳати мукаммалгардонии онҳо асоснок карда мешавад.

14. Асоснок карда мешавад, ки мутобиқи КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 прокурор салоҳияти васеъ ҷиҳати ба суд пешниҳод намудани ариза барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дигар, инчунин ворид шудан ба мурофиаи оғозгардида барои додани хулоса дошт. Дар давраи амали КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 прокурор тибқи қонун бояд риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби тамоми субъектони ҳуқуқ таъмин мекард. Ба прокурор на танҳо уҳдадории ошкор намудани қонуншиканӣ, балки андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани он вогузор гардида буд. Аз ин ҷо, прокурор дар мурофиаи маданӣ, пеш аз ҳама функсияи назоратиро амалӣ мекард, чунки фаъолияти судҳо оид ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ объекти назорати прокурорӣ маҳсуб меёфт.

Дар КММ ҶТ аз соли 2007 вазъи ҳуқуқии прокурор такмил дода шуда, ба принсипхои диспозитивӣ, мубоҳисавӣ ва

баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиаи маданӣ бештар мувофиқ гардонида шуд. Имконияти бо ибтикори суд барои иштирок дар мурофиа ҷалб намудани прокурор ва ба мурофиаи бегона ворид гардидани прокурор бо ташаббуси худаш аз қонуни мурофиавии маданӣ хориҷ карда шудааст. Ҳамзамон бо ин, танзими иштироки прокурор дар мурофиаи маданӣ инкишофи минбаъдаро талаб менамояд. Аз ин рӯ, таклифот оид ба коркарди баъзе аз ин меъёрҳо асоснок карда мешавад.

Тасдиқ карда мешавад, ки такомул ва бештар самаранокгардонии минбаъдаи ҳамкории прокуратура ва суд дар мурофиаи судии маданӣ бояд ба рӯйкарди мутавозин, ки таҷрибаи таърихии ҳуқуқии мусбати Тоҷикистони шуравӣ, таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ва вазъияти муосири ҷомеа ва давлатро ба эътибор мегирад, асос ёбад.

Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунандаи мурофиаи маданӣ пешниҳод гардиданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар бартараф намудани норасоии мавҷуда дар омӯхтани рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Тоҷикистони шуравӣ ва муосир зоҳир гардида, нуктаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷшуда инчунин метавонад дар рушди минбаъдаи илмҳои таърихи ҳуқуқ ва давлат ва ҳуқуқи мурофиавии маданӣ истифода шавад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот анҷомдодашуда дар он ифода меёбад, ки як қатор хулоса ва тавсияҳо, ки дар диссертатсия зикр шудаанд, барои истифода зимни таҳияи лоиҳаи КММ ҶТ пешниҳод гардида буданд. Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсияро дар ҷараёни амалишавии стратегияҳо, барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ дар бахши ислоҳоти судии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ислоҳоти мурофиаи судии маданӣ, ҳангоми омода намудани лоиҳаҳои қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КММ ҶТ ва КМИ ҶТ истифода намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад ҳангоми тадриси фанҳои таълимии «Таърихи давлат ва ҳуқуқи ҶТ», «Ҳуқуқи мурофиавии маданӣ» ва курсҳои махсуси «Истеҳсолоти иҷро» ва «Мурофиаи судии иқтисодӣ» барои донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, зимни

таҳия намудани тафсирҳо ба КММ ҶТ  ва КМИ ҶТ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии махсус, ҳангоми анҷом додани таҳқиқот ба мақсади омода намудани диссертатсияҳои номзадӣ, корҳои магистрӣ, дипломӣ,  бакалаврӣ ва солона, дар фаъолияти амалии мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони амалии суд, прокуратура ва адвокатура истифода намудан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо истифода гардидани усули умумиилмии диалектика ва як қатор усулҳои хусусии илмӣ, асоснокнамоии нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо бо заминаи васеи назариявӣ ва маводи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, омӯзиш ва истифодаи доираи васеи адабиёти илмӣ ва таълимӣ, қонунгузории таърихӣ ва амалкунанда, инчунин маводи бойгонӣ тасдиқ карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтсосҳои илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат; 12.00.15 – Ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ; ҳуқуқи мурофиаи ҳакамӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, № 7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ.** Саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақилона  иҷро гардидааст, барои расидан ба мақсадҳо ва амалӣ намудани вазифаҳо як қатор нуктаҳои нави илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод ва асоснок карда шудаанд, мақолаҳои илмӣ, тафсирҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ интишор гардидаанд, дар конференсияҳо ва мизҳои гирди илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърузаҳо ироа шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқӣ судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои, аз ҷумла васеи кафедраи зикршуда, инчунин дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима шудааст. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмии ҳарсолаи апрелии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 1995-2025), инчунин дар конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд, аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ» – маъруза дар мавзуи: «Рушди меъёрҳои танзимкунандаи ҳолати ҳуқуқии прокурор, ҳамчун шахси иштирокчии парванда: таҳлили муқоисавиии КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ва КММ ҶТ аз соли 2007» (Душанбе, ДМТ, 25 ноябри соли 2016);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар мавзуи: «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзӯи: «Ворисият ва навгонӣ дар инкишофи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, ДМТ, 9 декабри соли 2022);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» маъруза дар мавзуи: «Баъзе аз ҷанбаҳои инкишофи ҳолати ҳуқуқии шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ» (Душанбе, ДМТ, 5 декабри соли 2023);

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи: «Рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2011)» (Душанбе, 22 октябри соли 2015);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Аҳаммияти Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди

қонунгузорӣ» – маъруза дар мавзуи: «Оид ба баъзе муаммои истеҳсолоти иҷро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Душанбе, ДМТ, 10 октябри соли 2017);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи: «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» – маъруза дар мавзуи: «Оид ба масъалаи такмили меъёрҳои танзимкунандаи қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии мадании шахсони иштирокчии парванда» (Душанбе, ДМТ, 1 ноябри соли 2023).

Рисоланавис ба ҳайати гурӯҳҳои муаллифон дар таҳияи тафсирҳо ба КММ ҶТ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) иштирок намудааст, ки дар онҳо баъзе аз нуктаҳо ва хулосаҳои дар диссертатсия зикршуда, дарҷ гардидаанд. Ӯ инчунин ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ оид ба омода намудани лоиҳаҳои КММ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», Дастурамали Вазорати адлияи ҶТ «Дар бораи ташкил, коргузорӣ ва таъминоти моддӣ-техникии фаъолияти иҷрочиёни суд» шомил гашта, дар коркарди лоиҳаҳои Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории ҶТ ва Консепсия дар бораи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 ширкат варзидааст, хулосаҳо ба лоиҳаҳои баъзе аз қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва Пленуми Суди олии иқтисодии ҶТ таҳия кардааст. Айни замон ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ оид ба омода намудани лоиҳаҳои Кодекси расмиётӣ ва мурофиавии маъмурии ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи медиатсия» дохил мешавад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 22 асари муаллиф, аз ҷумла 1 монографияи дастҷамъона, 2 тафсири дастҷамъона ва 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, боқимонда дар маҷмуи мақолаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқоти анҷомдодашуда муайян гардида, вай аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боби муттаҳидкунандаи шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои

таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 261 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян шуда, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот), асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия инъикос ёфтааст.

Дар боби якуми диссертатсия – **«Ташаккул ва рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Тоҷикистони шуравӣ (солҳои 1924-1991)»** масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд: мафҳуми шахсони иштирокчии парванда ҳамчун субъектҳо ва падидаи мурофиаи маданӣ, таснифоти шахсони иштирокчии парванда, вижагиҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои 1924-1929, рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 1929-1991.

Зербоби якуми боби якум – **«Мафҳуми шахсони иштирокчии парванда ҳамчун субъектҳо ва падидаи мурофиаи маданӣ, таснифоти шахсони иштирокчии парванда»** ба баррасии мафҳуми шахсони иштирокчии парванда ҳамчун субъектҳо ва падидаи мурофиаи маданӣ, таснифоти шахсони иштирокчии парванда бахшида шудааст.

Зикр мегардад, ки дар мурофиаи судии маданӣ мавқеи махсусро категорияи ҳуқуқии «шахсони иштирокчии парванда» ишғол менамояд. Ҳамзамон дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе аз муаллифон байни мафҳумҳои «шахсони иштирокчии парванда» ва

«иштирокиёни мурофиаи маданӣ» тафовут намегузоштанд. Ҳолатҳои айниятгардонии ин мафҳумҳо на танҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ, балки дар санадҳои қонунгузорӣ айни замон низ ба назар мерасад.

Муҳокимаронии муаллифон оид ба нишонаҳои шахсони иштирокчии парванда ҳамчун субъектҳои мурофиаи маданӣ таҳқиқ карда мешаванд. Ақидаи дар адабиёти ҳуқуқӣ бештар паҳншуда дар бораи он ки қобилияти таъсир расонидан ба ҷараёни мурофиаи маданӣ, яъне пайдоиш, инкишоф ва қатъшави он, нишонаи шахсони иштирокчии парванда ба шумор меравад, мавриди интиқод қарор гирифтааст. Чунки нишонаи мазкур хоси на ҳамаи шахсони иштирокчии парванда мебошад.

Ҳамзамон бо ин, муаллиф ба танқиди адолатнок дар бораи нишонаи шахсони иштирокчии парванда маҳсуб наёфтани мавҷудияти мақсадҳои муайян, ки барои ноил шудан ба онҳо шахс ба мурофиа ворид мегардад, хамроҳ мешавад. Тавзеҳ дода мешавад, ки тамоми субъектҳои мурофиаи маданӣ мақсадҳои мушаххас доранд ва барои ноил гаштан ба онҳо ба мурофиаи маданӣ ворид ё ҷалб мегарданд.

Муаллиф дар заминаи таҳлили нуқтаҳои назари мухталиф ба хулоса меояд, ки танҳо ду нишона мавҷуд аст, ки ба ҳамаи шахсони иштирокчии парванда хос мебошанд: а) дар суд ҳимоя намудани ҳуқуқҳо (манфиатҳои) худ ё шахсони дигар; б) манфиати ҳуқуқии моддӣ ва ё манфиати ҳуқуқии мурофиавӣ.

Инчунин тасдиқ карда мешавад, ки манфиати ҳуқуқӣ (хуқуқии моддӣ ва ҳуқуқии мурофиавӣ) дар талабот ҷиҳати гирифтани на танҳо ҳалномаи судии мазмуни қобили қабул, балки дар талабот ҷиҳати гирифтани қарорҳои кассатсионӣ ва назоратии мазмуни мувофиқ низ ифода меёбад. Ҳалномаи судӣ санади судӣ ба шумор меравад, ки бо он фаъолияти суди марҳилаи якум хотима меёбад. Шахсони иштирокчии парванда бошад, барои гирифтани санади судии мазмуни қобили қабул дар марҳилаҳои минбаъдаи судӣ низ манфиатдор мебошанд.

Дар асоси муҳокимарониҳои мутахассисон дар соҳаи назарияи умумии шуравӣ ва муосири назарияи ҳуқуқ ва давлат нишонаҳои падидаи ҳуқуқ ҷудо карда шудаанд. Зикр мешавад, ки ин нишонаҳо аҳаммияти муайянкунандаро барои тавсифи падидаи

ҳуқуқии шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданӣ доранд. Таҳти падидаи илмии шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданӣ, ба андешаи рисоланавис, маҷмуи донишҳо, ғояҳо, нуқтаҳои назар ва таълимотро дар бораи мафҳум, нишонаҳо, мақсадҳо, функсияҳо, инчунин ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои субъективии мурофиавии мадании шахсони иштирокчии парванда фаҳмида мешавад.

Ба инкишофи падидаи шахсони иштирокчии парванда таъсири назаррасро заминаҳо мерасонанд, ки таҳти онҳо ҳолатҳои ба инкишофи падидаи мазкур таъсиркунанда ва муайянкунандаи дурнамои инкишофи он фаҳмида мешаванд. Муаллиф номгӯйи онҳоро пешниҳод менамояд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳам дар давраи амали КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ва ҳам КММ нави ҶТ таснифи шахсони иштирокчии парванда вобаста аз асосҳои мухталиф анҷом дода мешавад. Таснифи шахсони иштирокчии парванда аз гуногунии навъӣ ва тафовут дар вазъи ҳуқуқии онҳо вобаста мебошад.

Муаллиф дар заминаи таҳқиқоти гузаронидашуда даврабандии таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи шахсони иштирокчии парвандаро дар мурофиаи мадании Тоҷикистони шуравӣ ва муосир низ пешниҳод кардааст.

Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия: **«Хусусиятҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи маданиии ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929)»** вижагиҳои хоси падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои 1924-1929 муайян карда шудаанд.

Давраи таҳқиқшавандаи таърихи инкишофи падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон дар асоси доираи васеи маводи бойгонӣ ва, пеш аз ҳама, дар заминаи таҳлили муқоисавии ду кодекс: КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Узбекистон ҳамчун санадҳои меъёрии ҳуқуқии асосӣ – сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии мадании ҶМШС Тоҷикистон, аз ҷумла падидаи шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ, гузаронида мешавад.

Махсусияти солҳои аввали мавҷудияти ҶМШС Тоҷикистон, ки дар хеле кам будани муроҷиати шаҳрвандон бо аризаи даъвогӣ

ба судҳои шуравӣ ифода меёфт, муайян карда мешавад. Хусусияти хоси дигар дар тамоюли маҳдуд кардани тобеияти идоравии парвандаҳо ба судҳо, ки баъдан тақвият ёфт, зоҳир мешуд, ки боиси маҳдуд гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимояи судӣ мегашт.

Дар асоси таҳлили КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1929 оид ба хусусияти дигари давраи таърихии таҳқиқшаванда хулоса карда мешавад: дар бораи мавҷуд набудани муҳлатҳои мушаххаси муҳокимаи парвандаҳои маданӣ дар ҶМШС Тоҷикистон ва, бинобар ин, дар бораи вуҷуд надоштани ҳуқуқи тарафҳо ва шахсони дигари иштирокчии парванда ба сари вақт баррасӣ ва ҳал гардидани парванда, зеро танҳо 17 феврали соли 1929 дар КМГ ҶШС Узбекистон, ки дар ҶМСС Тоҷикистон амал мекард, муҳлати мушаххас барои баррасии парвандаҳои меҳнатӣ пешбинӣ шуд (м. 112), ки ба парвандаҳои дигари маданӣ паҳн намегардид. Қайд карда мешавад, ки мавҷуд набудани муҳлатҳои мушаххаси муҳокимаи парвандаҳо сабаби асосии сусткорӣ ва кашол ёфтани муҳокимаи парвандаҳои ҷудогона мегардид. Чунин вазъият Коммисариати адлияи ҶМШС Тоҷикистонро маҷбур менамуд, то якчанд маротиба сиркуляр қабул карда, ба судҳо дастур диҳад, ки парвандаҳо сари вақт баррасӣ гарданд ва миёни судҳо ҳама гуна мусобиқаҳоро ба мақсади ҳавасмандгардонии онҳо ҷиҳати нисбатан тезтар гузаронидани парвандаҳо ташкил намояд.

Барои дарки моҳияти вазъи ҳуқуқии тарафҳо ҳамчун шахсони асосии иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶМШС Тоҷикистон аҳаммияти зиёдро масоили иваз намудани тарафи номуносиб дошт. Мутобиқи КМГ ҶШФСР аз соли 1923 (м. 166) ва КМГ ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1927 (м. 172), ки дар ҶМШС Тоҷикистон амал мекарданд, имконияти иваз намудани ҳам даъвогари номуносиб ва ҳам ҷавобгари номуносиб вуҷуд дошт.

Муайян карда мешавад, ки КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927, ки дар ҶМШС Тоҷикистон амал мекарданд, асоси ба мурофиаи маданӣ ҷалб намудан ё ба он ворид гардидани шариконро пешбинӣ намекард. Чунин ҳолат ҳамчун норасоии намоёни санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда

дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки як тарафи онҳо шахсони иштирокчии парванда маҳсуб меёбад, эътироф карда мешавад.

Вижагиҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки як тарафи онҳо шахсони сеюм, намояндаҳои судӣ ва прокурор ба шумор мерафт, низ муқаррар гардидаанд.

Хусусияти хос инчунин дар он зоҳир мегардид, ки дар КМГ ҶШФСР аз соли 1923 ва КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927 бештар ҳолати ҳуқуқии тарафҳо танзим шуда буд. Дар масъалаи танзими ҳолати ҳуқуқии шахсони дигари иштирокчии парванда бошад, дар қонунҳои болозикр носаҳеҳӣ ва номукаммалии зиёд, инчунин батартибдароии ҷузъиётӣ мавҷуд буд.

Дар заминаи омӯхтани маводи бойгонӣ тасдиқ мешавад, ки новобаста аз вуҷуд доштани ҳуқуқи тарафҳо ва шахсони сеюм ҷиҳати гирифтани ёрии ҳуқуқии ихтисосманд, дар амалия расонидани ёрии ҳуқуқии мазкур мушкил ва дар як қатор аз ҳолатҳо ғайриимкон буд. Зеро дар баъзе аз вилоятҳои ҶМШС Тоҷикистон дар солҳои аввали мавҷудияти он коллегияҳои намояндаҳои судии касбӣ созмон дода нашуда буданд. Баъди созмон додани коллегияҳои зикршуда бошад, ба ҳайати онҳо теъдоди хеле ками шахсон дохил шуда, ихтисосашон дар сатҳи бениҳоят паст қарор дошт.

Тасдиқ мегардад, ки ба Прокурори ҶМШС Тоҷикистон ваколати васеъ ҷиҳати амалӣ намудани назорат аз болои судҳои ҶМШС Тоҷикистон, ки парвандаҳои маданиро баррасӣ ва ҳал менамуданд, дода шуда буд: вай ҳуқуқи пешниҳоди эътирозро нисбат ба дилхоҳ ҳалномаи дилхоҳ суди ҶМШС Тоҷикистон дошт.

Дар доираи зербоби сеюми боби якуми диссертатсия – **«Рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 1929-1991»** таҳқиқ шудааст.

Муайян карда мешавад, ки сарчашмаи асосии ҳуқуқи мурофиавии мадании ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла, падидаи асосии он: падидаи шахсони иштирокчии парванда, КМГ ҶШС Узбекистон аз сентябри соли 1927, то қабули КМГ ҶШС Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 ва эътибори қонунӣ пайдо намудани он, маҳсуб меёфт. Дар давраи амали кодекси зикршуда дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон ба он як қатор тағйиру иловаҳо

ворид карда шуд, ки ба меъёрҳои ҳуқуқии падидаи шахсони иштирокчии парванда низ паҳн мегардиданд. Ишора мешавад, ки дар ин давра инчунин қонунҳои мухталифи ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон низ қабул гардида буданд, ки ба танзими вазъи ҳуқуқии прокурор бахшида шуда буданд. Баъзе аз онҳо мустақим ё ғайримустақим ба масоили ҳолати ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи мадани дахл дошта, меъёрҳои КМГ ҶШС Узбекистон аз соли 1927-ро пурра, дақиқ ва мушаххас менамуданд.

Қайд карда мешавад, ки дар давраи таҳиқшавандаи таърихи ҳуқуқи тоҷик 11 феврали соли 1957 қонуне қабул шуд, ки тавассути он ваколатҳои ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бахши фаъолияти қонунгузорӣ таҷдиди назар гардид. Муҳокимаронихои муаллифонро таҳлил намуда, баъзе аз сарчашмаҳои дигарро омӯхта, рисоланавис ба хулоса меояд. ки қабули қонуни зикршуда, ифодакунандаи оғози зинаи муҳим дар инкишофи қонунгузории мурофиавии маданӣ, аз ҷумла падидаи шахсон иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон махсуб меёбад. Чунки маҳз аз ҳамин лаҳза фаъолияти мақсаднок ҷиҳати омода намудани лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон сурат гирифта буд.

Тасдиқ мегардад, ки зинаи муҳим дар давраи таҳқиқшавандаи ҳуқуқи ватанӣ қабул ва эътибори қонунӣ пайдо намудани Асосҳои мурофиаи судии мадании Иттифоқи ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз соли 1961  буд. Дар иртибот ба ин қонун ва нақши он дар таҳия ва қабули КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 тасдиқ карда мешавад, ки Асосҳои мурофиаи судии мадании Иттифоқи ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз соли 1961   сохтор, маҷмуи мафҳумҳои бознигаришуда, мазмуни муқаррароти асосӣ ва муҳимми падидаи шахсони иштирокчии парвандаро дар КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 муайян намуданд.

Зикр мегардад, ки соли 1962 осори дастҷамъона «Некоторые вопросы кодификации гражданского процессуального законодательства союзных республик» [41], ки аз ҷониби олимони тоҷик таҳти роҳбарии А.Ф. Клейнман омода шуда буд, интишор гардид. Дар он як қатор таклифот ва тавсияҳои аҳаммиятнок ҷиҳати мукаммалгардонии лоиҳаи КМГ ҶШС Тоҷикистон пешниҳод ва илман асоснок карда шуданд, ки мустақим ё

ғайримустақим ба падидаи шахсони иштирокчии парванда иртибот дошта, аксарияти онҳо ба эътибор гирифта шуданд, ки барои ҷиддан инкишоф ёфтани ҳуқуқи мурофиавии мадании ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла падидаи шахсони иштирокчии парванда мусоидат намуд.

Қайд мегардад, ки зинаи муҳимми инкишофи падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон қабули КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ба шумор меравад. Муайян карда мешавад, ки дар м. 96 КМГ ҶШС Тоҷикистон ҳайати шахсони иштирокчии парванда мушаххас ва аниқ гардида буд. Ҳамзамон КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ҳуқуқҳои махсуси субъективии мурофиавии мадании тарафҳоро пешбинӣ менамуд, ки дар қиёс бо КМГ ҶШС Узбекистон васеъ шуда, такмил ёфта буданд. Тасвеаи ин ҳуқуқҳои махсуси субъективии мурофиавии мадании тарафҳо бо баъзе бознигариҳои таҳририӣ дар КММ ҶТ аз соли 2007 низ истифода шудааст.

Зикр мешавад, ки васешавии назорати судӣ нисбат ба ҳуқуқҳои ихтиёрдоринамоии тарафҳо дар КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 маънои маҳдуд гардидани принсипи диспозитивиро дошт.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои зерин таҳқиқ мешавад: тавсифи умумии шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амал мурофиавии маданӣ, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои мурофиавии мадании шахсони зикршударо дар бар мегирад, шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ ба мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати қонунии худ ва шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ ба мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати қонунии шахсони дигар.

Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия – **«Тавсифи умумии шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ: қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амал, ҳуқуқҳо ва ухдадориҳои мурофиавии маданӣ»**, ки ба тавсифи умумии шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амал, ҳуқуқҳо ва ухдадориҳои мурофиавии мадании шахсони зикршударо дар бар мегирад, бахшида шудааст.

Дарҷ мегардад, ки КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 таърифи мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии маданиро пешбинӣ менамуд (м. 98). Ишораи чандкаратаи муаллифон дар адабиёти ҳуқуқӣ ба номукаммалии матни меъёри зикршуда, мавриди таҳлил қарор меёбад. Тасдиқ мегардад, ки таърифи мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии маданӣ дар КММ ҶТ аз соли 2007 инкишоф ёфта, низ аз баъзе камбудиҳо орӣ нест. Аз ин ҷо, пешниҳод мегардад, ки тағйироти мувофиқ ба м. 38 КММ ҶТ ворид карда шавад, то тасвеаи ин модда ҳамаи субъектони мурофиаи маданиро, аз ҷумла ҳамаи шахсони иштирокчии парвандаро ба эътибор гирад. Ҳамзамон бо ин, зарурати ҳал намудани масъала ҷиҳати аз боби «Шахсони иштирокчии парванда»-и фасли I КММ ҶТ соли 2007 хориҷ намудани моддаи мазкур ва дар боби «Муқаррароти асосӣ»-и фасли мазкур ҷойгир намудани он таъкид мешавад. Тасвеаи аз ҷониби муаллиф пешниҳодшудаи меъёри болозикр ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ паҳн мешавад. Чунки ин субъектон низ метавонанд барандаи ҳуқуқҳо ва ухдадориҳои субъективии мурофиавии маданӣ бошанд, бинобар он ки дорои ҳуқуқ ҷиҳати муроҷиат намудан ба судҳои ҶТ (қ. 1 м. 387 КММ ҶТ) маҳсуб меёбанд.

Дар асоси таҳлили интиқодии муҳокимарониҳои муаллифон, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ дарҷ шудааст, қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии мадании шахсони ҷудогонаи иштирокчии парванда баррасӣ гардида, кӯшиш карда мешавад, ки мафҳуми онҳо таҳия гардад.

Баъзе аз таърифҳои мафҳуми қобилияти амали мурофиавии маданиро, ки дар назарияи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ пешниҳод шудаанд, таҳқиқ намуда, рисоланавис норасоиҳои ҷудогонаи онҳоро қайд мекунад. Зикр мегардад, ки мувофиқи воқеияти ҳуқуқӣ мафҳуми қобилияти амали мурофиавии маданӣ се унсури муҳимро муттаҳид менамояд. Ин унсурҳо барои рисоланавис ба сифати замина ҷиҳати коркард намудани таърифи мафҳуми қобилияти амали мурофиавии мадании шахсони иштирокчии парванда баромад намуданд.

Қайд карда мешавад, ки таҳлили қонуни мурофиавии маданӣ (КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ва КММ ҶТ аз соли 2007)

нишон медиҳад, ки вобаста ба шартҳои пайдоиш ва ҳаҷми мазмун қобилияти амали мурофиавии мадании чор намуди шаҳрвандонро, ки метавонанд ҳамчун тарафҳо ва шахсони сеюм баромад кунанд, ҷудо намудан мумкин аст.

Тасдиқ мегардад, ки шахсони иштирокчии парванда аз рӯйи КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ва КММ ҶТ аз соли 2007 аз ҳуқуқҳои васеи субъективии мурофиавии маданӣ истифода, инчунин як қатор уҳдадориҳои субъективии мурофиавии маданиро иҷро менамуданд ва менамоянд. Омӯхтани маҷмуӣ ва коркарди илмии масоили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии мурофиавии мадании шахсони иштирокчии парванда дар асл таҳқиқи масоили тамоми адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ маҳсуб меёбад. Ҳуқуқ ва уҳдадорихои зикршударо баррасӣ намуда, муаллиф ба хулоса меояд, ки рушди холати ҳуқуқии шахсони иштирокчии парванда аз рӯйи КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ва КММ ҶТ аз соли 2007 дар васеъшавӣ, мушаххасгардӣ ва такмили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии мурофиавии маданӣ, инчунин таҳкими кафолати амалишавии онҳо ифода меёбад, ки дар умум ба рушди падидаи мурофиавии мадании шахсони иштирокчии парванда дар Тоҷикистон мусоидат кардаанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия – **«Шахсони иштирокчии парванда бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати қонунии худ»** чунин шахсони иштирокчии парванда – тарафҳо ва шахсони сеюм мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ишора мешавад, ки КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 таърифи мафҳуми тарафҳоро пешбинӣ намекард. Чунин ҳолат метавонист ба фаъолияти татбиқи ҳуқуқ зимни муайян намудани ҳолати ҳуқуқии шахсони манфиатдор, ки метавонанд мавқеи ҳуқуқии тарафҳоро ишғол намоянд, таъсири манфӣ расонад. Мутахассисони бахши илми ҳуқуқшиносӣ, бинобар мавҷуд набудани таърифи мафҳуми тарафҳо дар қонун, кӯшиш ба харҷ доданд, то тавассути ҷудо намудани нишонаҳо мафҳуми тарафҳоро дар мурофиаи маданӣ таҳия намоянд. КММ нави ҶТ бо дар назар доштани дастовардҳои илми ҳуқуқшиносӣ, таърифи мафҳуми тарафҳоро пешбинӣ менамояд (м. 40 КММ ҶТ), ки яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи инкишофи он мебошад. Муаллиф

нишонаҳои бештар дар адабиёти ҳуқуқӣ паҳншудаи тарафҳоро дар мурофиаи маданӣ баррасӣ менамояд.

Дарҷ мегардад, ки тарафҳо дар мурофиаи маданӣ даъвогар ва ҷавобгар маҳсуб меёбанд. Рисоланавис дар асоси таҳлили муҳокимаронихои мутахассисон дар самти назарияи мурофиаи маданӣ таърифи мафҳумҳои даъвогар ва ҷавобгарро пешниҳод менамояд.

Падидаи ивази тарафи номуносибро баррасӣ намуда, муаллиф ба хулоса меояд, ки бо қабули КММ нави ҶТ дар танзими тартиби ивази тарафи номуносиб дар қиёс бо КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 аксулинкишоф ба вуқӯъ пайвастааст. Тасдиқ мегардад, ки таҳти шарикӣ дар мурофиаи маданӣ ҷамъи шахсон аз ҷониби даъвогар ё ҷавобгар, ё аз ҳар ду ҷониб, ки ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонуниашон ҳамдигарро истисно намекунанд, дар назар дошта мешавад.

Масъалаи дигаре, ки бо иштироки тарафҳо дар мурофиаи маданӣ иртибот дорад, масъалаи ворисии марофиавӣ мебошад. Бинобар ворисӣ дар муносибати ҳуқуқии моддӣ КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 имконияти ворисиро дар мурофиаи маданӣ пешбинӣ мекард (м. 107). КММ нави ҶТ низ чунин имкониятро пешбинӣ менамояд. Аз сабаби он ки ба шахсе, ки ворисии ҳуқуқӣ ӯро иваз менамояд ва худи ворисии ҳуқуқӣ тамоми меъёрҳои танзимкунандаи ҳолати ҳуқуқии тарафҳо ва шахсони сеюм дар мурофиаи маданӣ паҳн мешавад, падидаи мазкур танҳо махсусияти бо ҳолатҳои воқеъбинона марбут, яъне ворисии ҳуқуқӣ дар муносибати ҳуқуқии моддиро ифода менамояд. Муайян мегардад, ки танзими падидаи ворисии ҳуқуқии мурофиавӣ, ки КМГ ҶТ аз соли 2007 пешбинӣ намудааст, асосан ворисиятро бо КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 нигоҳ доштааст.

Иштироки шахсони сеюмро дар мурофиаи маданӣ таҳқиқ намуда, рисоланавис асоснок меояд, ки меъёрҳои КММ ҶТ аз соли 2007, ки иштироки шахсони сеюмро дар мурофиаи маданӣ танзим менамоянд, ворисиятро нисбат ба меъёрҳои КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 нигоҳ доштаанд. Ҳамзамон бо ин, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иштироки шахсони сеюм дар КММ нави ҶТ инкишоф ёфтааст. Таҳлили КММ

нави ҶТ нишон медиҳад, ки меъёрҳои танзимкунандаи иштироки шахсони сеюм дар мурофиаи маданӣ ба такмили минбаъда ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, таклифот ҷиҳати мукаммалгардонии онҳо асоснок карда мешавад.

Дар доираи зербоби сеюми боби дуюм – **«Шахсони иштирокчии парвандаи маданӣ ба мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати қонунии шахси дигар»** чунин шахсони иштирокчии парванда: прокурор ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки дар мурофиаи маданӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигарро ҳимоя менамоянд, баррасӣ мегардад.

Муайян карда мешавад, ки ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳое, ки дар назди мурофиаи маданӣ истодаанд, нақши махсусро прокурор иҷро менамуд ва менамояд. Масъаларо оид ба функсияҳои прокурор дар мурофиаи судии маданӣ дар давраи амали КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 таҳлил намуда, рисоланавис ба хулоса меояд, ки вай функсияҳои назоратӣ ва ҳимояи ҳуқуқро иҷро мекард. Ду функсияи зикршуда мутобиқи КММ ҶТ соли 2007 низ боқӣ мондааст.

Дар замони муосир низ прокурор функсияи назоратиро (қисмҳои 3 ва 4 м. 47 КММ ҶТ) иҷро менамояд, ки имконияти иловагии бартараф намудани вайронкунии қонун аз ҷониби суд ва субъектони дигари мурофиаи маданӣ дар ҷараёни анҷом додани адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ба шумор меравад. Функсияи ҳимояи ҳуқуқро бошад прокурор тибқи қ. 1 м. 47 КММ ҶТ аз соли 2007 анҷом медиҳад.

Мавқеи баъзе аз муалифонро дастгирӣ намуда, рисоланавис тасдиқ менамояд, ки дар давраи амали КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 моҳияти вазъи ҳуқуқии прокурор дар он ифода мешуд, ки вай намояндаи давлат маҳсуб меёфт. Қонунгузории нави мурофиавии маданӣ бошад ворисиятро нисбат ба КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 дар масъалаи ҳолати ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маданӣ нигоҳ доштааст. Функсияҳо ва ҳолати ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маданӣ шаклҳои иштироки вайро дар намуди мазкури фаъолияти давлатӣ муайян менамуд ва менамояд.

Дар КММ ҶТ аз соли 2007 вазъи ҳуқуқии прокурор такмил дода шуда, ба принсипҳои диспозитивӣ, мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиаи маданӣ бештар мувофиқ гардонида шуд. Имконияти бо ибтикори суд барои иштирок дар мурофиа ҷалб намудани прокурор ва ба мурофиаи бегона ворид гардидани прокурор бо ташаббуси худи ӯ, аз қонуни мурофиавии маданӣ хориҷ карда шудааст. Ҳамзамон бо ин, меъёрҳои танзимкунандаи иштироки прокурор дар мурофиаи маданӣ инкишофи минбаъдаро талаб менамояд. Аз ин рӯ, пешниҳодот оид ба бознигарии баъзе аз ин меъёрҳо асоснок карда мешавад.

Тасдиқ карда мешавад, ки дар байни шахсони иштирокчии парванда, мавқеи махсусро мақомоти идоракунии давлатӣ, иттифоқҳои касаба, корхона, муассиса, ташкилот ва шаҳрвандони ҷудогона, ки ҳуқуқи шахсони дигарро дар мурофиаи маданӣ ҳимоя мекарданд (моддаҳои 5, 119 КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963), ишғол менамоянд. Дар КММ нави ҶТ номи мақомоти зикршуда тағйир дода шудааст (моддаҳои 48 ва 49 КММ ҶТ аз соли 2007). Ба ҷои истилоҳи «мақомоти идоракунии давлатӣ» истилоҳоти «мақомоти ҳокимияти давлатӣ» ва «мақомоти худидоракунии маҳаллӣ» истифода мешавад, ки ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ мутобиқ мебошад. Калимаҳои «корхонаҳо», «муассисаҳо» ва «ташкилот» бо истилоҳи умумии «шахсони ҳуқуқӣ» иваз карда шудааст. Аз нуқтаи назари муаллиф, истилоҳи «ташкилот» бештар қобили қабул мебошад, зеро бо тартиби қ. 2 м. 5 КММ ҶТ аз соли 2007 дар мурофиаи маданӣ иштироки ташкилот, ки мақоми шахси ҳуқуқиро (мисол, комиссия оид ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак) надорад, имконпазир аст. Аз ин ҷо, тағйирот ба м. 48 КММ нави ҶТ пешниҳод мегардад. Масъалаҳои дигар, ки ба иштироки субъектони зикршуда дар мурофиаи маданӣ иртибот доранд, баррасӣ мегардад.

## ХУЛОСА

Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Заминаҳои муайянкунандаи рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи мадании ҶТ инҳо мебошанд: - қабули Конститутсияи ҶТ аз соли 1994, ки

арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро эълон карда, ҳуқуқ ба ҳимояи судиро кафолат дода, зарурати анҷом додани адолати судиро дар заминаи принсипҳои мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо пешбинӣ менамояд; - аз ҷониби ҶТ эътироф гардидани як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки стандартҳои ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судиро пешбинӣ мекунанд; - қабул ва зарурати амалӣ намудани барномаҳои ислоҳоти судии ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021; - гуногунии фаҳмиши ҳуқуқ; - зарурати ҳамоҳанг намудани қонунгузории мурофиавии мадании ҶТ бо қонунгузории мурофиавии мадании ИДМ ва Иттиҳоди Аврупо; - зарурати ошкор ва бартараф намудани норасоӣ ва номувофиқатӣ дар меъёрҳои падидаи мазкур; - зарурати ташаккул додани механизми босамар, муъҷаз ва суръатнок анҷом додани адолати судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ [13–А].

2. Принсипҳои асосии рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда бояд ворисият ва таҳаввул дар рушд бошанд.

3. Бо дар назар доштани тафовут дар функсияҳое, ки шахсони иштирокчии парванда амалӣ менамоянд, таснифоти зерини онҳоро анҷом додан мумкин мебошад: а) шахсоне, ки функсияи даъворо амалӣ мекунанд (даъвогар (даъвогари мурофиавӣ), шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод менамоянд); б) шахсоне, ки функсияи ҳимоя бар муқобили даъворо амалӣ мекунанд (ҷавобгар); в) шахсоне, ки функсияи мусоидатро ба даъвогар ҷиҳати дастгирии даъво амалӣ мекунанд (шахсони сеюм, ки аз ҷониби даъвогар иштирок менамоянд); г) шахсоне, ки фунсияи мусоидатро ба ҷавобгар ҷиҳати ҳимоя бар муқобили даъво амалӣ мекунанд (шахсони сеюм, ки аз ҷониби ҷавобгар иштирок менамоянд); д) шахсе, ки функсияи назоратро аз болои қонуният дар мурофиаи маданӣ дар мавридҳои иштироки вай дар парванда барои додани хулоса анҷом медиҳад (прокурор); е) шахсоне, ки функсияи додани хулосаро оид ба парвандаи маданӣ анҷом медиҳанд (мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ).

4. Ба воҳиди алоҳидаи сохторӣ додани унсури қобилияти ҳуқуқдории маданӣ, инчунин мурофиавии маданӣ зимни

нишонаҳои дигари муҳимми шахси ҳуқуқиро надоштани вай принсипи дастрасии ҳимояи судиро васеъ накарда, баръакс, боиси мураккабшавии мурофиаи судии маданӣ мегардад. Дар иртибот бар ин, ба андешаи мо, барои ҷонибдории пешниҳодоти баъзе аз муаллифон дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷиҳати ба воҳиди алоҳидаи сохторӣ, ки мақоми шахси ҳуқуқиро надорад, додани қобилияти ҳуқуқии мурофиаи маданӣ, асосҳои кофӣ мавҷуд нест.

5. Меъёрҳои КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963, ки қобилияти амали мурофиавии мадании субъектҳои мурофиаи маданиро, аз ҷумла шахсони иштирокчии парвандаро барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ то лаҳзаи қабули КММ ҶТ аз соли 2007 як қатор тағйироти ҷиддии ба КМ нави ҶТ, КО ҶТ, КМ ҶТ ва КҲМ ҶТ воридгардидаро, ки ба қобилияти амали моддӣ иртибот доранд, ба эътибор нагирифта буданд [4–А].

Таҳлили м. 39 КММ ҶТ нишон медиҳад, ки вай асосан мазмуни м. 99 КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963-ро такрор менамояд. Ҳамзамон бо ин, рушди меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки қобилияти амали ҳуқуқии моддиро танзим менамоянд, рушди меъёрҳои танзимкунандаи қобилияти амали мурофиавии маданиро муайян карданд [4–А].

6. Вазъи ҳуқуқии шахсони иштирокчии парванда ба тариқи маҷмуӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарчашмаҳои дигари ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, ки низоми томи ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, муайн мегардад.

7. Қисми меъёрҳои падидаи шахсони иштирокчии парванда, ки дар КММ ҶТ зикр шудаанд бо КМГ ҶШС Тоҷикистон за соли 1963 ворисиятро нигоҳ доштаанд. Аз КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 қонунгузор кӯшиш намудааст, ки меъёрҳои беҳтарин, бо амалия санҷидашуда ва асосноккардашударо гирад.

8. Меъёрҳои КММ ҶТ аз соли 2007, ки иштироки шахсони сеюмро дар мурофиаи маданӣ танзим менамоянд, нисбат ба КМГ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963 ворисиятро нигоҳ доштаанд. Ҳамзамон бо ин, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иштироки шахсони сеюм дар мурофиаи маданӣ дар КММ нав ҶТ рушди минбаъдаро касб намудааст [12–А].

Якум, имконияти пешниҳоди шикоят ё эътироз нисбат ба таъиноти суд дар бораи ба мурофиаи бегона иҷозати воридшавӣ додан ба шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод менамояд, васеъ гардидааст. Дуюм, имконияти дар мурофиаи бегона иштирок намудани шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намекунанд дар асоси дархости тарафҳо ё прокурор нигоҳ дошта шуда, рушд ёфтааст. Сеюм, ваколати суд ҷиҳати бо ташаббуси худ ба мурофиаи бегона чалб намудани шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намекунанд, вуҷуд надорад, ки дар бораи таҳкими нақши принсипи диспозитивӣ дар қонуни мурофиавии маданӣ дарак медиҳад. Чорум, шакл ва мазмуни дархости шахси сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намекунад, ҳамчунин шахсони дигари иштирокчии парванда дар бораи ба мурофиаи бегона ворид ё ҷалб намудани шахси сеюм пешбинӣ шудааст. Панҷум, номгӯи ҳуқуқҳо, ки ба ихтиёрдорӣ намудани даъво иртибот доранду шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намекунанд, онҳоро соҳиб нестанд, васеъ гардид [12–А].

9. Маҳдуд намудани ваколатҳои прокурор оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон то созмон додани адвокатураи иҷтимоӣ бармаҳал ҳисобида мешавад. Дар иртибот бар ин васеъ намудани ваколатҳои прокурор оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон пешниҳод карда мешавад [17–М].

10. Такомул ва бештар самаранокгардонии минбаъдаи ҳамкории прокуратура ва суд дар мурофиаи судии маданӣ бояд ба рӯйкарди мутавозин, ки таҷрибаи таърихии ҳуқуқии мусбати Тоҷикистони шуравӣ, таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ва вазъияти муосири ҷомеа ва давлатро ба эътибор мегирад, асос ёбад [17–А].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Ба ҳайати шахсони иштирокчии парванда, ки м. 36 КММ ҶТ пешбинӣ менамояд, бояд аризадиҳандаҳо ва шахсони манфиатдор оид ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд, ҳамчунин ситонанда ва қарздор оид ба парвандаҳои мурофиаи фармонӣ ворид карда шаванд, ки тамоми нишонаҳои

шахсони иштирокчии парвандаро доранд. Аз ин ҷо, пешниҳод мегардад, ки ба м. 36 КММ ҶТ баъд аз калимаи «махсус» дар охири моддаи мазкур калимаҳои «ва оид ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд, ҳамчунин ситонанда ва қарздор оид ба парвандаҳои мурофиаи фармонӣ» илова карда шавад ва минбаъд тибқи матн [5–М], [15–М].

2. Пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 38 КММ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад, то тасвеаи ин модда ҳамаи субъектони мурофиаи маданиро, аз ҷумла ҳамаи шахсони иштирокчии парвандаро ба эътибор гирад: «Қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии маданӣ қобилияти шахс ҷиҳати доштани ҳуқуқ ва уҳдадорихои мурофиавии маданӣ мебошад». Бинобар он ки қобилияти ҳуқуқдории мурофиавии маданӣ сифати ҳамаи субъектони мурофиаи маданӣ маҳсуб меёбад, ҳамзамон масъалаи аз боби «Шахсони иштирокчии парванда»-и фасли I КММ ҶТ хориҷ намудани моддаи мазкур ва дар боби «Муқаррароти асосӣ»-и фасли зикргардида ҷойгир намудани онро низ бояд ҳал кард [21–М]. Тасвеаи пешниҳодшудаи м. 38 КММ ҶТ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳам паҳн мешавад, чунки субъектони зикршуда низ метавонанд барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии маданӣ бошанд, зеро ҳуқуқи ба судҳои ҶТ муроҷиат намуданро доранд (қ. 1 м. 387 КММ ҶТ) [21–М].

3. Дар иртибот ба он ки қ. 2 м. 39 КММ ҶТ танҳо ду унсури қобилияти амали мурофиавии маданиро нисбат ба ноболиғ, ки ақди никоҳ бастааст ё дорои қобилияти пурраи амал эътироф гардидааст (эмансипатсия), хос меҳисобаду чунин муқаррарот, ба андешаи муаллиф, нодуруст мебошад, пешниҳод карда мешавад, ки дар қ. 2 м. 39 КММ ҶТ баъди калимаи «кунад», калимаҳои «инчунин пешбурди парвандаро ба намоянда супорад» илова карда шавад [5–М].

4. КММ ҶТ муқаррароти дар қ. 1 м. 31 КМ нави ҶТ дарҷшударо, ки вазъи ҳуқуқии шахсони воқеии қобилияти амалашон маҳдудкардашударо муайян менамояд, ба эътибор намегирад. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки дар қ. 3 м. 39 КММ ҶТ баъди калимаи «мекунанд» калимаҳои «инчунин шаҳрвандоне, ки қобилияти амалашон маҳдуд карда шудааст» илова гардад ва минбаъд тибқи матн [5–М].

5. Ба мақсади таъмини саривақтии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони ғайриқобили амал зимни баъди оғози парвандаи маданӣ аз ҷониби суд ошкор шудани аризаи даъвогии пешниҳод намудаи онҳо бояд қоидаи дар қ. 3 м. 228 КММ ҶТ дарҷшуда татбиқ гардад. Дар иртибот бар ин, пешниҳод мегардад, ки қ. 3 м. 228 КММ ҶТ дар таҳрири зерин пешбинӣ карда шавад: «3. Суде, ки таъинотро ҷиҳати бе баррасӣ монондани ариза қабул намудааст, бо дархости даъвогар ё ҷавобгар тибқи асосҳои сархати панҷуми моддаи 227 ҳамин Кодекс таъиноташро метавонад бекор намояд, агар даъвогар ё ҷавобгар ба суд далелҳои тасдиққунандаи бо сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба маҷлиси судӣ ва имконнопазирии иттилоъ додани онро ва ё шахси ғайри қобили амали синни аз чаҳордаҳ то ҳаждаҳсола ба суд розигии хаттии намояндаи қонунии худро ҷиҳати ба парванда ворид гаштани вай пешниҳод намоянд» [5–М].

6. Асоснок мегардад, ки ба м. 40 КММ ҶТ қисми чаҳорум бо мазмуни зерин: «4. Дар мавридҳои пешбининамудаи қонун ташкилот, ки шахси ҳуқуқӣ маҳсуб немеёбад, метавонад тараф бошад» илова карда шавад [6–М].

7. Ворисии ҳуқуқии мурофиавӣ дар тафовут аз ворисӣ дар ҳуқуқи маданӣ ба умумӣ (универсалӣ) ва хусусӣ (сингулярӣ) тақсим намешавад. Бинобар он ки ба ворси ҳуқуқӣ ҳамаи хуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии шахси ивазнамудаи ӯ мегузарад, мувофиқан, ворисии ҳуқуқии мурофиавӣ танҳо умумӣ буда метавонад. Аз ин рӯ, ба сархати якуми қ. 1 м. 220 КММ ҶТ баъд аз калимаи «мебошад» бояд калимаҳои «инчунин дар мавридҳои гузашт кардани талабот, гузаронидани қарз ва дигар ҳолатҳои ивазшавии шахсон вобаста ба уҳдадорӣ дар муносибати баҳсноки ҳуқуқӣ» илова карда шавад [7–М].

8. Пешниҳод мегардад, ки ба КММ ҶТ муқаррарот дар бораи он ки даъвои шахси сеюм, новобаста аз маҳалли истиқомат ё ҷойгиршавии даъвогари аввала ба суди маҳалли баррасии даъвои аввала  арз мегардад, ворид карда шавад, ки инро бо роҳи дар қ. 2 м. 33 КММ ҶТ баъди калимаи «даъво» илова намудани калимаҳои «инчунин даъвои шахси сеюм» ва минбаъд аз рӯйи матн анҷом додан мумкин аст.

9. Дархости шахси сеюм дар бораи ҳамроҳ шудан ба мурофиаи оғозгардида набояд мутобиқи м. 134 КММ ҶТ ба расмият даровардa шавад, зеро ӯ ба суд даъвои мустақилона пешниҳод намекунад. Дар иртибот ба ин, пешниҳод менамоем, ки дар ҷумлаи якуми қ. 2 м. 45 КММ ҶТ калимаҳои «мутобиқи моддаи 134 ҳамин Кодекс» хориҷ гардида, баъд аз калимаи «мекунанд» калимаҳои «ки дар он асоси ҳамроҳ шудан ба мурофиаро нишон медиҳад», илова карда шавад [12–М].

10. Ба шахси сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардааст, рад намудани суд ҷиҳати ҳамроҳ шудан ба парвандаи мадании бегона, барои иштироки ӯ дар мурофиаи мадании монеа мешавад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ба шахсони сеюми намуди мазкур, инчунин шахсони дигари иштирокчии парванда ҳуқуқи арз намудани шикоят (эътироз) нисбат ба таъиноти судии зикршуда дода шавад ва, аз ин рӯ, ба м. 45 КММ ҶТ қ. 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад: «5. Дар бораи ба парванда ҳамроҳ шудан ё рад намудани ҳамроҳ шудани шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, таъиноти суд қабул мегардад, ки нисбат ба он шахсони мазкур, инчунин шахсони дигари иштирокчии парванда метавонанд шикоят ё эътироз арз намоянд» [12–М].

11. Мутобиқи КММ ҶТ шахсони сеюм метавонанд то қабули санади судӣ ба мурофиаи мадании ҳамроҳ ё ҷалб гарданд (қ. 1 м. 44 ва қ. 1 м. 45 КММ ҶТ). Аммо дилхоҳ таъиноти суд низ санади судӣ маҳсуб меёбад (қ. 5 м. 14 КММ ҶТ), аз ҷумла таъиноти суд оид ба қабули аризаи даъвогӣ (м. 136 КММ ҶТ). Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки тасвеаи қ. 1 м. 44 КММ ҶТ ба тариқи зерин таҷдид карда шавад: баъди калимаи «якум» калимаҳои «ки бо он муҳокимаи парванда хотима меёбад» илова гардад ва минбаъд аз рӯйи матн. Иловаи шабеҳро ба қ. 1 м. 45 КММ ҶТ ворид намудан низ мувофиқи мақсад аст [12–М].

12. Новобаста аз он ки меъёрҳои КМ ҶТ моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моликияти воҳидҳои маъмурию ҳудудиро дақиқ ҷудо менамоянд, КММ амалкунандаи ҶТ инро ба эътибор намегирад. Чунончи, дар қ. 1 м. 47 КММ ҶТ дарҷ

мешавад, ки прокурор метавонад танҳо ба манфиати ҶТ ариза пешниҳод намояд. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки ба қ. 1 м. 47 КММ ҶТ пас аз калимаҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «инчунин воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ» илова карда шавад ва баъдан аз рӯйи матн [17–М].

13. Бо тартиби қ. 2 м. 5 КММ ҶТ дар мурофиаи маданӣ иштироки ташкилот, ки вазъи шахсони ҳуқуқиро (масалан, комиссияҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак) надоранд, низ имконпазир мебошад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар м. 48 КММ ҶТ калимаҳои «шахсони ҳуқуқӣ» ба калимаи «ташкилот» иваз карда шавад.

14. Дурнамои инкишофи падидаи илмии шахсони иштирокчии парвандаро таҳқиқи ҷанбаҳои зерини он метавонад муайян намояд:

1) масоили ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, аз ҷумла падидаи шахсони иштирокчии парванда, инчунин соҳаҳои дигари мурофиавии ҶТ бояд аз мавқеи назарияи мурофиаи ҳуқуқӣ ҳамчун қисми таркибии назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор дода шаванд;

2) зарурати гузаронидани таҳқиқоти махсуси кодификатсияи қонунгузории мурофиавии мадании шуравӣ ва муосири Тоҷикистон, ва таъсири он ба рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда, ҳамчунин падидаҳои дигари асосии ҳуқуқи мурофиавии маданӣ мавҷуд аст;

3) таҳқиқоти муқоисавии вазъи ҳуқуқии шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи судии маданӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ, шаклҳои алтернативии (ғайридавлатии) халли баҳсҳо оид ба ҳуқуқ, аз ҷумла мурофиаи судии ҳакамӣ ва мурофиаи медиативӣ дар иртибот ба ворисият ва навгонӣ бояд анҷом дода шавад.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монография и комментарияҳо

**[1–А].** Фозилов, Н.Н. Рушди қонунгузории мурофиавии граждани дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он [Матн] / Н.Н. Фозилов // 30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон (зербоб дар монографияи дастҷамъона). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 165-176. ISBN 978-99975-58-74-8.

**[2–А].** Фозилов, Н.Н. Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан [Текст] / Н.А. Абдуллоев, Х. Алиев, С.Э. Бахриддинов, У.Х. Бобоев, А.М. Диноршоев, Т.К. Кодиров, М.З. Рахимов, М.С. Усманова, Н.Н. Фозилов, Б.Т. Худоёров, Л.И.Ходжаева, А.П. Шарипов // Под ред. профессора М.З. Рахимова / Комментарий к главам 11, 12, 13, 19, 22. – Душанбе, 2012. – 573 с.

**[3–А].** Фозилов, Н.Н. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Н. Фозилов, Х.М Ғафуров, И.Ҳ. Бобоҷонов, И.Т. Маҳмудов, Ш.К. Бадалов, С.Б. Мирзоев, С.Т. Холиқов // Тафсир ба моддаҳои 1-5, 12-15 боби 1, бобҳои 4, 5, 7, моддаи 114 боби 9, бобҳои 10, 11, 18, 19, 22, 46. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – 784 с.

### II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[4–А].** Фозилов, Н.Н. Развитие норм, определяющих гражданскую процессуальную дееспособность лиц, участвующих в деле для защиты своих прав и интересов [Текст] / Н.Н. Фозилов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе: Сино, 2013. – № 3/7 (124). – Ч. 1. – С. 75-80. ISSN 2074-1847.

**[5–М]** Фозилов, Н.Н. О некоторых новеллах нового ГПК РТ, определяющих правовой статус лиц, участвующих в деле и судебных представителей [Текст] / Н.Н. Фозилов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал).

Серия гуманитарных наук. – Душанбе: Сино, 2013. – № 3/7 (124). – Ч. 1. – С. 171-176. ISSN 2074-1847.

**[6–А].** Фозилов, Н.Н. К вопросу о понятиях истцы и ответчика в гражданском процессе [Текст] / Н.Н. Фозилов // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2013. – № 6-2 (55). – С. 161-165. ISSN 2219-5408.

**[7–А].** Фозилов, Н.Н. О преемственности норм, регулирующих правопреемство в гражданском процессе [Текст] / Н.Н. Фозилов // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2013. – № 6-2 (55). – С. 166-170. ISSN 2219-5408.

**[8–А].** Фозилов, Н.Н. Развитие института замены ненадлежащей стороны: сравнительный анализ ГПК РТ 1963 года и ГПК РТ 2007 года [Текст] / Н.Н. Фозилов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе: Сино, 2014. – № 3/1(128). – С. 104-110. ISSN 2074-1847.

**[9–А].** Фозилов, Н.Н. Понятие института лиц, участвующих в деле, в гражданском процессе Таджикистана [Текст] / Н.Н. Фозилов // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2015. – № 4 (65). – С. 267-273. ISSN 2219-5408.

**[10–А].** Фозилов, Н.Н. К вопросу об особенностях правового положения сторон, как основных лиц, участвующих в деле, в гражданском процессе Таджикской АССР [Текст] / Н.Н. Фозилов // Законодательство. – Душанбе, 2019. – № 4 (36). – С. 13-19. ISSN 2410-2903.

**[11–А].** Фозилов, Н.Н. Некоторые аспекты правового положения лиц, участвующих в деле для защиты прав и интересов других лиц, в гражданском процессе Таджикской АССР [Текст] / Н.Н. Фозилов // Законодательство. – Душанбе, 2020. – № 1 (37). – С. 6-11.ISSN 2410-2903.

**[12–А].** Фозилов, Н.Н. Третьи лица, не заявляющие самостоятельные требования на предмет спора в гражданском процессе [Текст] / Ш.Т. Тагайназаров, Н.Н. Фозилов // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. – Душанбе, 2023. – № 4 (32). – С. 293-306. ISSN 2414-9217.

## III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[13–А].** Фозилов, Н.Н. Заминаҳои инкишофи падидаи шахсони иштирокчии парвандаи граждани [Матн] / Н.Н. Фозилов // Масъалаҳои рузмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конфронсҳои илмӣ-назариявӣ) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – С. 192-196.

**[14–А].** Фозилов, Н.Н. Инкишофи ӯҳдадории шахсони иштирокчии парвандаи гражданӣ оид ба исбот намудани ҳолатҳои парвандаи гражданӣ [Матн] / Н.Н. Фозилов // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ) / Зери назари мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Нашриёти «Сино», 2014. – С. 65-71.

